*Ба Шурои диссертатсионии*
*6D.KOA-017 назди Институти иқтисодиёт*
*ва демографияи АМИТ*
*734025, ш. Душанбе, кучаи С.Айнӣ, 44*

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Оличон Маҳмуд дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.01-Амнияти иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ масоили таъмини амнияти озуқаворӣ ба сифати яке аз ҳадафҳои асосиву ва стратегии давлату ҳукуматҳои кишварҳо ба ҳисоб рафта, он дар навбати худ коркарди тавсияҳои амалӣ ва амалисозии чорабиниҳои аз нуқтаи назари илм асоснокро дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ тақозо мекунад. Дар робита ба ин, тамоюлҳои дар ҷаҳон таи даҳ солаи охир ба вуқуъомада истодаи тамоюлҳои манфӣ аз раванди тағйирбии иқлим, афзоиши ба таври прогрессивии аҳолии ҷаҳон, боло рафтани нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонии озуқаворӣ, натиҷаҳои пандемияи COVID-19, ва г. масоили таъмини амнияти озуқавориро аз нигоҳи амалӣ барои тамоми давлатҳои ҷаҳон мубрам гардонида аст. Ин аст, ки барои арзёбии маҷмаавии миқёс ва тамоюли мавҷуда дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти махсусро- инкишоф додани илмии мафҳумҳо ва консепсияҳое, ки ба категорияи амнияти алоқаманд буда, имконияти андозагири кардани микдорӣ ва сифатии ин тамоюлро барои қабули қарорҳои дахлдор зарур ба ҳисоб меравад, иборат мебошад. Бо назардошти ин мавзуи рисолаи Ализода О.М. бешубҳа ҳам аз ҷанбаи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки аз ҷониби муаллиф саҳми назаррас дар назарияи масъалаи таҳқиқшавана ва ҳам дар амалияи муаммои мазкур гузошта шудааст. Ба андешаи мо, натиҷаи нисбатан арзишмандро аз нигоҳи илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба ҷо оварда шудааст, ин ошкор намудани хусусиятҳои муосир ва баҳодиҳии дараҷаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳамчунин усул ва равишҳои мутобиқаткунанда бо дарназардошти гурӯҳи нишондиҳандаҳои миқдориву сифатӣ қайд карда мумкин аст.

Муаллифи автореферат дуруст қайд мекунад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ инчунин моделҳои муассир ва оқилонаи давлатӣ, ки мақсадҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва таҳлилӣ доранд, муҳим мебошанд. Воқеан ҳам буҳрони қаблан ба вуқуъмадаи пандемия COVID-19 бори дигар собит

сохт, ки давлатҳои низоми озуқаворий миллиашон бештар аз маҳсулоти озуқаворий воридотӣ вобастагӣ дорад, бояд коркарди механизмҳои дохилии таъмини истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии озуқавориро ба роҳ монанад, то ин вобастагии ҳаҷми истеъмоли дохилиро аз шиддати таъсири омилҳои беруна нигоҳ доранд.

Аз тарафи муаллиф ҳангоми арзёбии ҳолати мавҷудаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои коркардшудаи олиимону коршиносони ташкилоту институтҳои байналмилалии соҳавиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар натиҷа бо дарназардошти ҷанбаҳои шароити иқлимӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ба хулосае меояд, ки арзёбии амнияти озуқаворий ҷумҳурӣ аз дигар кишварҳо фарқ мекунад. Дар ин замина аз як қатор нишондиҳандаҳои коркардшуда ва ҳисобшудаи муаллифонаи худ дар кори диссертатсионӣ истифода бурдааст.

Муаллифи автореферат дуруст қайд намудааст, ки дар ҷаҳони муосир, ки мушкилоти тағйирёбии иқлим ва бӯҳрони экологӣ вусъат ёфта истодааст, давлат бояд коркарди чорабиниҳоро, ки ба нигоҳ доштани вазъи муътадил дар бозорҳои дохилии озуқаворӣ равона гардидааст, равона созад. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф яке чунин чорабиниҳо ин ташкилии захираи буферӣ, ки дар таъмини захирави амнияти озуқаворӣ метавонад нақши калидӣ дошта бошад, бо ҳисоби нишондиҳандаҳо барои рӯзҳои муайян пешниҳод карда шудааaст.

Яке аз бартариатҳои автореферати тақризшаванда аз он иборат аст, ки муаллиф дар натиҷаи таҳлили комплексии соҳаи кишоварзӣ ва комплекси аграрии кишвар, вазъияту ҳолати муосири сатҳи худтаъминкунии ҷумҳуриро бо маводи озуқаворий истеҳсоли худи мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, дар натиҷа омилҳои дохилӣ ва берунии ба таъмини амнияти озуқаворий кишвар таъсиргузорро ба як низоми муайян даровaрда, ба ин минвол самтҳои мукаммал гардонидани сиёсати давлатиии кишоварзӣ дар шароити гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрӣ ва таҳияи доктринаи алоҳидаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ассоснок ва пешниҳод шудааст.

Дар маҷмуъ, чуноне ки аз арзёбии автореферат маълум гардид, кори диссертатсионӣ дар мавзуи хело муҳим ва айни замон мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар он баъзе камбудӣ ва нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия таҳия ва таҳқиқи методологияи арзёбии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар сатҳи зарурӣ дида баромада шудааст. Мутассифона дар раванди ба низом даровардани принсипҳои методологӣ ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сатҳи амнияти озуқаворӣ на ҳама омилҳо ва таъсири тағйиротҳои трансформатсионӣ ба инобат гирифта шуддаст

2. Аз таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти озуқаворӣ бар меояд, ки сатҳи амнияти озуқаворӣ бо истифодаи шохиси Global Hunger Index, ки аз ҷониби Институти байналмиллалии сиёсати озуқаворӣ пешниҳод гардидааст баҳо дода мешавад. Мутаасифона ин шохис мавриди истифода қарор дода шудааст, ки арзёбии натиҷаҳои муқоисавиро мушкил мегардонад..

3. Дар автореферат масоили арзёбии вазъи молиявӣ-сармоягузории таъмини соҳаи кишоварзӣ ба тариқи равшан дида барома нагардидааст. Инчунин, дар матни асосии он баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда шуда, баъзе аз мавҳумҳо ба пуррагӣ кушода нашудаанд

Дар хулоса бояд қайд намуд, ки эродҳои пешниҳодшуда хусусияти дақиқсозӣ ва тавсиявӣ дошта сифати баланди диссертатсияи анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия Ализода О.М. дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворunion Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ кори илмии мустақилона анҷомёфта баҳисоб рафта, пурра ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриздиҳанда:

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумруки ДДТТ** **Раҷабов Р. К.**

Суроға:734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½.
Телефон: +992(37) 234-83-46, моб.: +992 934444107. Email: drrajab@mail.ru; tguk@mail.ru
Сомона: https://www.tguk.tj

Имзои д.и.и., профессор Р. К. Раджабов -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.